**ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ**

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-113-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ дар мавзуи “Нақши бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.9. Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ)**

Диссертатсияи илмии Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ ба яке аз масъалаҳои мубрами илмӣ - методии нақши бозиҳои дидактикӣ дар дарсҳои забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ бахшида шудааст. Омӯзиши забони англисӣ дар арсаи байналмилалӣ, ҳамчун забони сиёсат, иқтисод, илму фарҳанг, барои ҳамаи мутахассисон муҳим мебошад. Аниқаш бе омӯзиши забони англисӣ мутахассисон дорои салоҳияти касбӣ намегарданд. Зеро дар ҷаҳони иттилоотӣ забони англисӣ забони асосӣ ба шумор рафта, тавассути он илм, шуғл ва иттилоот аз худ карда мешавад. Маорифчиёнро лозим меояд дар замони душвор ба омӯзиши забони англисӣ муносибати ҷиддӣ намоянд ва кӯшиши ҳал намудани ин талаботро амалӣ созанд. Ҳукумати ҷумҳурӣ низ ба ин масъала муносибати ҷиддӣ дорад ва пайваста доир ба ҳалли ин масъалаи муҳим ҷидду ҷаҳд менамояд. Бояд зикр намуд, ки дар сиёсати ҳукумат дар самти омӯзиши забони англисӣ ва русӣ саъю кӯшиши бештаре ҳам шуда истодааст.

Маҳз ҳамин ҷиҳати масъала дар диссертатсияи Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ дар баробари пешниҳоди илмӣ - методии нақши бозиҳои дидактикӣ дар дарсҳои забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти аз оғоз то интиҳои рисола чун хатти сурх дар мадди назари рисоланавис қарор гирифтааст.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31 - 33 - и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 тахти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Мебояд таъкид намуд, ки дар иртибот ба инкишофи илмҳои педагогика психология ва дидактика раванди таълим низ рушд мекунад. Ҳамчунин, роҳу усулҳо ва методҳои нави инноватсионӣ пешниҳод гардида, дар ҷаҳони иттилоотӣ, рушди босуръати илму технология, дар маҷмуъ, раванди таълимро ҳам дигар карда, онро ҷавобгӯйи талаботи замона месозанд.

Ҳамзамон, дар ин радиф бозиҳои дидактикӣ низ ба яке аз методҳои инноватсионӣ марбут буда, он вазифаҳои хосро дар раванди таълим иҷро карда метавонад.

Аз ин рӯ, метавон, пеш аз ҳама, натиҷаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои пешниҳодшударо метавон дар амалияи корҳои таълимию тарбиявии дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ метавон истифода бурд.

Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсионии Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ дар мавзуи “Нақши бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ” ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.5.9. Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ), ҳамчунин, ба Феҳристи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 мутобиқат мекунад.

Диссертант дар рисолаи хеш коркарди методии мавзуъҳои дар доираи нақши бозиҳои дидактикӣ дар дарсҳои забони англисӣ, зимни такя намудан ба маводи назариявӣ - методӣ, ба натиҷаҳои озмоишҳои педагогии дар раванди омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ ва, албатта, дар заминаи ақидаҳои шахсиаш пешниҳод намудааст, ки аз ҷумлаи дастовардҳои муҳим ва дигари ӯ маҳсуб меёбад.

Аз ин нуктаи назар, мавзуи рисолаи Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ мубраму муҳим буда, аз ҷиҳати назариявию амалӣ низ шоистаи дастгирист.

Диссертатсияи мазкур мутобиқ ба талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки 30 июни соли 2021 таҳти №267 ба тасвиб расидааст, таълиф шудааст. Ва ин кори диссертатсионӣ дар кафедраҳои забонҳои хориҷӣ ва педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи васеи муассисаи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа аз 20 январи соли 2026, №6).

Дар хулосаи ҷаласаи васеи кафедраҳои забонҳои хориҷӣ ва педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара ба диссертатсия баҳои объективию ҳаматарафа дода шудааст.

Натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар 20 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, дар маҷаллаҳои эътирофнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 17 мақола нашр шудааст.

Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ё худ эътирофшуда ба талаботи банди 34 - Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

Маводи диссертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудааст, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунад.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф фикрҳои ҷолиб пешниҳод шудааст. Инчунин, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷаҳо ва муқарраротн нави илмӣ барои ҳимояи ошкор мебошад, ки аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми педагогика ва методикаи таълим шаҳодат медиҳад.

Аҳамияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ дар мавзуи "Нақши бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.9. Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ дар мавзуи "Нақши бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.9. Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ) дар асоси банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ дар мавзуи "Нақши бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.9. Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ) ба ҳимоя кабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 5.3.5.9. Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Абдуллоева Меҳриниссо Абдуғаффоровна** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, декани факултети забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров;

- **Аҳмадзода Бунавша Саймузафар** - доктори илмҳои педагогӣ, дотсент, муовини ректор оид ба тарбияи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ;

- **Умаров Абдурахмон Саидаҳмадович** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забони хориҷи ва робитаҳои байнифарҳангии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**4. Ба сифатӣ муассисаи пешбар**

**- Донишгоҳи Славянии Русияву Тоҷикистон** тавсия дода шавад.

5. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

6. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаи таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
**доктори илмҳои педагогӣ,**
**профессор** **Лутфуллозода Махмадулло**

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
**доктори илмхои педагогӣ,**
**профессор** **Неъматов Садуллоҷон Эргашевич**

**доктори илмхои филологӣ,**
**профессор** **Солеҳов Мирзо Одинаевич**

*Имзоҳои Лутфуллозода М., Неъматов С.Э. ва Солехов М.О. – ро тасдиқ мекунам*

**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** **Шодихонзода Э.**

**“__15__” ___06___ соли 2026**